## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна дар мавзуи “Таҳлили лингвистии ҳайати лексикии “Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик”-и Садриддин Айнӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ**

Таҳқиқи қабатҳои луғавии забон барои бозгӯии бисёр масъалаҳои мубрам замина фароҳам меорад. Дар забоншиносии муосири тоҷик бисёр масъалаҳом муҳим ниёз ба таҳқиқ дошта, маҳз дар ҳамин замина ташаккул ва таҳаввули низоми забонӣ арзёбӣ мегардад. Дар ин росто осори бузурги илмию фарҳангӣ ва адабӣ, ба хусус асарҳои лексикографӣ офарида шудааст, ки ҳар яке аз онҳо дар рушду такмили таркиби луғавии забони тоҷикӣ накши муайяне гузоштаанд. Яке аз чунин луғатномаҳои арзишманд “Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик”-и сардафтари адабиёти муосири тоҷик устод Садриддин Айнӣ буда, таҳқиқу омӯзиши лингвистии он барои ҳалли як қатор масъалаҳои назарию амалии забоншиносии тоҷик ёрӣ хоҳад расонд. Аз ин рӯ, таҳқиқу таҳлили лингвистии ҳайати лексикии “Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик”, ки он аз мадди назари муҳаққиқон дур мондааст, яке аз масъалаҳои мубрам ва саривақтӣ ба шумор меравад.

Диссертатсияи мавриди назар аз ихтисоршудаҳо, муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия, номгӯи адабиёт, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, дар ҳаҷми 195 саҳифаи чопи копмютерӣ навишта шудааст.

**Дар муқаддима** оид ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқ, предмеи таҳқиқ асосҳои назарию методологии тақҳиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгониҳои илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти

назариву амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиби амалии натиҷаҳои диссертатсия, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумот дода шудааст.

**Дар боби якум, ки "Калимаҳои халқӣ – гуфтугӯйӣ дар "Луғати нимтафсилии тоҷикӣ забони адабии тоҷик"-и Садриддин Айнӣ"** номгузорӣ шудааст, аз 6 фасл иборат аст. Дар боби мазкур унвонҷӯ доир ба мафҳум, мазмуну моҳият ва хусусиятҳои калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ, воҳидҳои луғавии марбут ба либос ва пояфзол, воҳидҳои луғавии марбут ба ҳайвонот ва парандагон, воҳидҳои луғавии марбут ба растаниҳо, воҳидҳои луғавии марбут ба асбоби рӯзгор, дигар қабатҳои луғавии халқӣ-гуфтугӯйӣ маълумоти муфассал додааст.

**Боби дуюми диссертатсия "Калимаҳои иқтибосӣ дар "Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик"-и Садриддин Айнӣ"** ном дошта, 4 фаслро дар бар гирифтааст.

Дар фасли якуми ин боб, ки "Матолиби муқаддамотӣ" номгузорӣ шудааст, асосан, дар хусуси воридшавии вожаҳои иқтибосӣ ба забон ва моҳияту таъсири онҳо мулоҳизаронӣ шудааст.

Фасли дуюм "Калимаҳои иқтибосии арабӣ дар "Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷикӣ"- и Садриддин Айнӣ" ном дошта, аз ду зерфасл иборат аст. Дар зерфасли аввал аҳаммият ва заминаҳои воридшавии иқтибосоти арабӣ ва ҷойгоҳи онҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар зерфасли дувум – "Шакли ҷамъи мукассари калимаҳои арабӣ дар "Луғатнома"-и С. Айнӣ шакли ҷамъи шикастаи иҷтибосоти арабӣ аз ҷиҳати мансубияташон ба соҳаҳо ва аз рӯйи қолибҳои шакли мукассар ва солими арабӣ таҳлилу баррасӣ гардида, миқдори истифодаи онҳо нишон дода шудааст.

Фасли сеюми боби дуюм "Калимаҳои иқтибосии туркӣ-муғулӣ дар "Луғатнома"-и С. Айнӣ" ном дорад. Ба андешаи унвонҷӯ калимаҳои

туркӣ-муғулӣ, ки онҳо соҳаҳои гуногунро ифода мекунанд, дар Луғат нисбат ба иқтибосоти арабӣ хеле кам мушоҳида гардида, имрӯз дар забони тоҷикӣ муродифҳои тоҷикию арабӣ роиҷ буда, ҳамчун вожаҳои сермаъно низ истифода мешаванд.

Фасли чорум "Калимаҳои иқтибосӣ аз дигар забонҳо дар "Луғатнома"-и Садриддин Айнӣ"" ном дошта, вожагони марбут ба забонҳои хеши бохтарӣ, портӣ, суғдӣ, модӣ ва забонҳои оромӣ, юнонӣ, хитойӣ таҳлил гардида, намунаи онҳо дар автореферат оварда шудааст.

Дар боби сеюми рисола - "Сохтори калимаҳои тафсиршуда дар "Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик"-и Садриддин Айнӣ", ки се фаслро дар бар гирифтааст, ба таҳлилу баррасии роҳу воситаҳои калимасозӣ дар таркиби луғавии забон, нақш ва мавқеи пасвандҳо дар сохтани вожаҳо, сохтори калимаҳои мураккаб, бахшида шудааст.

**Дар хулоса** натиҷаҳои илмии бадастовардаи унвонҷӯ дар 9 банд мушаххас оварда шудааст.

Бояд гуфт, ки натиҷаи таҳлилу таҳқиқи муфассали диссертатсия ба унвонҷӯ имкон додааст, ки таҳқиқи лингвистии ҳайати лексикии "Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик"-и устод Айнро нишон дода, барои таҳқиқи минбаъда дар ин самт тавсияҳо диҳад. Диссертатсия, дар маҷмуъ, ба муҳаққиқон таассуроти хуб мебахшад. Ба муаллиф ҳалли масъалаҳое, ки ҳамчун мақсад ва ҳадафи диссертатсия қарор гирифтаанд, пурра муяссар гардидааст. Дар диссертатсия бори нахуст дар забоншиносӣ таҳлилу баррасии лингвистии ҳайати лексикии "Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик"-и Садриддин Айнӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар баробари чунин муваффақиятҳо дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар мерасад, ки онҳо чунинанд:

1. Дар фасли сеюми боби якум вожаҳои марбут ба ҳайвонот ва парандагон ба ду гурӯҳ: умумихалқӣ ва хоси шева ҷудо карда шуда,

доир ба ҳайвоноти хонагии хоси лаҳҷа ҳамагӣ ду мисол – шутургов ва чамбаршох оварда шудаасту холос. Гузашта аз ин муайян карда мешуд, ки вожаҳои мазкур хоси кадом шеваи забони тоҷикианд (с.10).

2. Хуб мебуд, ки дар номи фасли чоруми боби дуюми диссертатсия ибораи "ва забонҳои хеш" илова мешуд (с.12).

3. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои хусусияти имлоӣ ва китобатӣ дида мешаванд (с.6, с.16, с.19).

Албатта, камбудию норасоиҳои ҷойдошта ислоҳшаванда буда, моҳияти илмии диссертатсияро коста намекунанд.

Аз ин рӯ, автореферат ба забони тоҷикию русӣ мазмуну мухтавои диссертатсияи Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовнаро дар мавзуи "Таҳлили лингвистии ҳайати лексикии "Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик"-и Садриддин Айнӣ" инъикос намуда, диссертатсия таҳқиқоти мукаммали бaанҷомрасида маҳсуб ёфта, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи ғайрирасмӣ,** мудири кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики ДДБ ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои филологӣ: Назаров Меҳрубон Ниёзмадович

13.02.2024

Имзои номзади илмҳои филологӣ, Назаров Меҳрубон Ниёзмадовичро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷамшед Абдуалим

Нишонӣ: ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав
Тел.: (83222) 2-45-20; 2-22-53
E-mail: ktsu78@mail.ru, web-сайт: www.ktsu. edy.tj

«13» 02 с. 2024.